BHR
Идораи ҳуқуқи Инсон ва Риояи Қонуният
Bureau of Human Rights and Rule of Law
Бюро по правам человека и соблюдению законности

Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузори мешавад

Барномаи Иттиҳоди Аврупо «Дастгоҳи Аврупо барои рушди демократия ва ҳуқуқи инсон» дар Тоҷикистон

# Ҳуқуқҳои ашхосе, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ (хонаҳои кӯдакон, мактаб -интернатҳо, хона-интернатҳо барои кӯҳансолон) қарор доранд ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони ин муассисаҳо

Душанбе, 2020

HELSINKI FOUNDATION for HUMAN RIGHTS

BHR Идораи ҳуқуқи Инсон ва Риояи Қонуният
Bureau of Human Rights and Rule of Law
Бюро по правам человека и соблюдению законности

# Ҳуқуқҳои ашхосе, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ (хонаҳои кӯдакон, мактаб - интернатҳо, хона-интернатҳо барои кӯҳансолон) қарор доранд ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони ин муассисаҳо

Лоиҳа аз ҷониби Иттиҳоди
Аврупо маблағгузори мешавад

**Паҳн намудан ройгон аст**
**Душанбе, 2019 с.**

**ББК: 67,91 (2тоҷик)**
**Ч: У-73**

*Дастури мазкур бо дастгирии ташкилоти ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» дар доираи лоиҳаи «Амал барои озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон» ва бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо омода ва нашр гардидааст.*

*Афкори муаллифони дастур имкон дорад, ки ба нуқтаи назари Иттиҳоди Аврупо ва Фонди Хелсинкҷ оид ба ҳуқуқи инсон мутобиқат надошта бошад.*

*Коршинос: Моҳира Усманова*

*Теъдоди нашр: 500 адад*

## МУНДАРИҶА

Муқаддима........................................................................................ 7
1. Хизматрасонии иҷтимоӣ чист?................................................ 9
2. Ҳолати душвори зиндагӣ чи маъно дорад?............................. 9
3. Кӣ кӯдаки ятим дониста мешавад?.......................................... 9
4. Дар кадом ҳолат кӯдак бепарастор дониста мешавад? .........10
5. Дар зери мафҳуми таъминоти давлатии кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастор чӣ фаҳмида мешавад?..............................10
6. Хизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ барои кӯдакон чӣ маънӣ дорад? ....................................................................................10
8. Оё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак мавҷуд аст?..................................................................11
9. Кадом мақомот ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони бепарастор мондаро ба амал мебароварад?......................................................11
10. Кӯдакони бепарастор монда ба куҷо дода мешаванд? ..........12
11. Дар кадом ҳолат парасторӣ ва сарпарастӣ ба кӯдакон таъин карда мешавад? ............................................................12
12. Васӣ ба кӣ муқаррар карда мешавад ......................................13
13. Парасторӣ ба кӣ муқарррар карда мешавад..........................13
14. Ӯҳдадориҳои васӣ ва парасторро дар муносибат ба кӯдакони дар таъминоти пурраи давлатӣ қарордошта кӣ иҷро мекунад? ....................................................................................13
15. Кадом мақомоти давлатӣ барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ масъул аст?..............................................................................13
16. Ҳангоми гирифтани хизмати иҷтимоӣ шаҳрвандон чӣ ҳуқуқ доранд? ........................................................................14
17. Кадом меъёри қонунгузорӣ фаъолияти хонаҳои кӯҳансолону маъюбонро дар Ҷумҳурии Тоҷикисон танзим менамояд?.............................................................................15
18. Кадом синну сол пиронсолӣ ҳисобида мешавад?...................16
19. Кадом муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд?..............................................16
20. Ба Номгӯи муассисаҳои системаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои зерин дохил мешаванд:............................................................................16
21. Дар робита ба хонаҳои пиронсолон ва маъюбон Агентии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ кадом вазифаҳоро иҷро менамояд?.........18

22. Дар кадом мавридҳо шаҳрвандон бидуни ризоияташон дар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ҷойгир карда мешаванд? ........................................................................19
23. Шахсони дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарордошта чӣ гуна ҳуқуқҳоро доранд? ........................................................................19
24. Кормандони хадамоти иҷтимоӣ чи хел ҳуқуқҳоро доранд?..21
25. Кадом ӯҳдадориҳо ба кормандони хадамоти иҷтимоӣ вобаста шудаанд? ........................................................................21
26. Кадом кафолатҳои давлатӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастор муқаррар шудаанд? ........................................................22
27. Боз кадом кафолатҳои давлатӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастор муқаррар шудаанд? ........................................................24
28. Кӯдакони ятим ва бепарастор чӣ хел ҳуқуқҳоро доранд? .....25
29. Оё дар сурати парасторӣ худро аз даст додани кӯдакони дар мактаб-парваришгоҳҳо, ятимхона ва дигар муассисаҳо қарордода ба онҳо нафақа пардохта мешавад?............................25
30. Ҳуҷҷатҳоро барои таъини пардохтҳои нафақа дар ҳолати парастори худро аз даст додани кӯдакони дар муассисаҳои таълимӣ қарор дошта кӣ ба расмият медарорад? .........................26
31. Оё кӯдакони ятим ва бепарастори дар таъминоти давлат қарордошта нафақа гирифта метавонанд? ..................................26
32. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна намудҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастор мавҷуд мебошад?........................................................................27
33. Субъектҳои раванди тарбия ва таълими томактабӣ кист?....28
34. Ба хонаи кӯдакон чӣ гуна кӯдакон қабул карда мешаванд? .29
35. Ба кормандони муассисаҳои томактабии таълимиву тарбиявӣ кадом ӯҳдадориҳо дода шудааст? .................................29
36. Ба кормандони муассисаҳои томактабии таълимиву тарбиявӣ кадом имтиёзҳо дода шудааст?.....................................30
37. Кӯдакони ятим ва бепарастор дар куҷо таҳсил мекунанд? ...30
38. Кадом гурӯҳи кӯдакон ба мактаб- интернатҳо қабул карда мешаванд? ........................................................................32
39. Дар интернатҳои давлатии наздимактабӣ киҳо қабул карда мешаванд?. ...................................................................32
40. Қабули кӯдакон ба мактаб-интернат кай сурат мегирад? .....32
41. Кадом гурӯҳи кӯдакон дар мактаб-интернатҳои давлатии барои бачагони имконияташон маҳдуд қабул карда мешаванд?.33
42. Барои қабули кӯдакон ба мактаб интернатҳо кадом ҳуҷҷатҳо заруранд? ...........................................................33

43. Тартиби қабули ҳуҷҷатҳо ба мактаб-интернатҳо чӣ тавр муқаррар карда мешавад?....34
44. Оилаи парасторӣ (патронажная) гуфта чиро мефаҳманд?....35
45. Кадом ҳуқуқу ӯҳдадориҳоро оилаҳои парасторӣ (тарбиякунанда) соҳибанд?....35
Руйхати адабиётҳои истифодашуда:....36

**Иттиҳоди Аврупо аз 28 мамолики узв иборат аст, ки қарор доданд тадриҷан дониш, захира ва сарнавишти худро якҷоя кунанд. Якҷоя дар тӯли 50 соли васеъшавӣ, онҳо минтақаи субот, демократия ва рушди устуворро эҷод карданд, фарқиятҳои фарҳангиро ҳифз карданд, таҳаммулпазирӣ ва кафолати озодии шахсро нишон доданд.**

**Иттиҳоди Аврупо омода аст дастовардҳо ва арзишҳояшро бо кишварҳо ва мардуми берун аз қаламраваш мубодила кунад. Бо ин мақсад, Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон аз соли 1992 инҷониб фаъолият бурда, ба рушди кишвар дар ҳаҷми 25 миллион евро дар як сол кӯмак мерасонад.**

## Ҳуқуқҳои ашхосе, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ (хонаҳои кӯдакон, мактаб -интернатҳо, хона-интернатҳо барои кӯҳансолон) қарор доранд ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои кормандони ин муассисаҳо

### Муқаддима

Мутобиқи Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад.».[1]

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ки «Ҳар шахс дар пиронсолӣ, ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, маҳрум шудан аз сарпараст ва мавридҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст, кафолати таъмини иҷтимоӣ дорад».[2] «Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд».[3]

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ барои таъминоти иҷтимоиро дар низоми давлатдории таъминоти иҷтимоӣ мутобиқ бар Қонуни ҶТ "Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» кафолат медиҳад.[4]

Мақсадҳои хизматрасонии иҷтимоӣ инҳо мусоидат намудан ба таъмини имкониятҳои баробар барои ҳамаи аъзои ҷамъият, кӯмак намудан ба шаҳрвандон барои рафъи ҳолати душвори зиндагӣ, ки онҳо бо маблағи худ ва имкониятҳои мавҷудбуда қудрати бартараф кардани онро надоранд, муҳайё кардани шароит барои ҳалли мустақилонаи масъалаҳои пешомада аз тарафи онҳо пешгирӣ кардани ҳолати душвори зиндагӣ мебошад.[5]

---

[1] Моддаи 1 Конститутсияи ҶТ
[2] Моддаи 39 Конститутсияи ҶТ
[3] Моддаи 34 Конститутсияи ҶТ
[4] аз 05.01.2008 с, № 359
[5] Моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ"

Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» пешбинӣ намудааст, ки «Давлат сатҳи шоистаи зиндагиро ба кӯдакони ятим ва бепарастор кафолат дода, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳоро ҳимоя менамояд.»[6]

Дар сурати мавҷуд набудани имконияти дар оила тарбия ёфтани кӯдакони ятим ва бепарастор, дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ё дигар муассисаҳои ба онҳо монанд ҷойгир карда мешаванд.[7]

Хизматрасонии иҷтимоӣ бо роҳи ба аҳолӣ пешниҳод намудани хизматҳои иҷтимоии маишӣ, тиббӣ ва санаторӣ - солимгардонӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, ҳуқуқӣ, варзишӣ - солимгардонӣ ба амал бароварда мешавад.[8]

Ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад, ки дар мақомоти давлатӣ, мақомотҳои худидораи давлатӣ, ҳамчунин мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ маълумоти ройгон дар бораи имкониятҳо, намудҳо ва тартибу шароити хизматрасонии иҷтимоӣ бигирад

Маълумот дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҷониби кормандони хадамоти ҳифзи иҷтимоӣ ба шаҳрвандони ниёзманд ба хадамоти иҷтимоӣ дода мешавад. Дар робита ба шахсоне, ки ба синни 16 нарасидаанд ва тибқи қонун қувваи корӣ ҳисоб намешаванд, ба намояндагони онҳо дода мешавад.

Шаҳрвандоне, ки ба муассисаҳои будубоши доимӣ ва ё ба муассисаҳои будубоши муваққатии хизматрасонии иҷтимоӣ фиристонида мешаванд, ҳамчунин намояндаи қонунии онҳо бояд бо шароити зист ё будубош дар муассисаҳои мазкур ва бо намудҳои хизматрасонӣ, пешакӣ шинос карда шаванд.[9]

---

[6] Моддаи 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18.03.2015 с., № 1196

[7] Моддаи 34 қ.1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»

[8] Моддаи 17 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ"

[9] Моддаи 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

Шахсоне, ки дар муассисаи иҷтимоӣ қарор доранд, ҳамчунин кормандони чунин муассисаҳо бояд ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои хешро донанд.

1. **Хизматрасонии иҷтимоӣ чист?**

Хизматрасонии иҷтимоӣ ин маҷмӯи хизматҳои иҷтимоии марбут ба фаъолияти хадамоти иҷтимоӣ дар бобати дастгирии иҷтимоӣ, расонидани хизматҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, равоншиносию педагогӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, хизматҳои дигар ва кӯмаки моддӣ, мутобиқшавӣ ва офияти иҷтимоии шаҳрвандон, ки дар ҳолати душвории зиндагӣ қарор доранд.[10]

2. **Ҳолати душвори зиндагӣ чи маъно дорад?**

Ҳолати душвори зиндагӣ - ҳолате, ки фаъолияти мӯътадили зиндагии шаҳрвандро ба таври воқеӣ вайрон мекунад ва ё ҳолате, ки у мустақилона аз он баромада наметавонад, аз ҷумла:

- маъюбӣ;
- пиронсолӣ;
- беморӣ;
- оқибати садамаи истеҳсолӣ ва бемории касбӣ;
- аз даст додани саробон, танҳоӣ, ятимӣ, беназоратӣ;
- набудани ҷойи муайяни истиқомат;
- вобастагии бардавоми рӯҳӣ, оқибати зӯроварӣ ва ё ҳолатҳое, ки ҳаётро зери хатар мегузоранд;
- ҳолати дигари душвори зиндагӣ.[11]

3. **Кӣ кӯдаки ятим дониста мешавад?**

Кӯдак шахсе мебошад, ки ҳануз ҳаждаҳсола нашудааст.

[10] Моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»
[11] Моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

Кӯдаки ятим ҳамон кӯдаке дониста мешавад, ки ё ҳам падару модар ва ё яке ё падар ва ё модари вай даргузаштаанд. [12]

**4. Дар кадом ҳолат кӯдак бепарастор дониста мешавад?**

Кӯдаке, ки бо сабабҳои маҳдуд бепарастор мондааст, дар ҳолатҳои зерин бепарастор дониста мешавад, агар;

- маҳрум карда шудани падару модар, падар ё модарӣ танҳояш аз ҳуқуқи падару модарӣ:
- бедарак ғоиб эътироф шудан;
- ё фавтида эълон гардидани падару модар;
- ғайри қобили амал (дорои қобилияти маҳдуди амал) дониста шудани онҳо;
- барои адои ҷазо дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ қарор доштани падару модар;
- саркашӣ кардани падару модар аз тарбияи кӯдак ё ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ӯ;
- ҳангоми рад кардани гирифтани кӯдаки худ аз муассисаҳои таълимӣ - тарбиявӣ ва ё табобатӣ;
- инчунин дар дигар ҳолатҳо;.[13]

**5. Дар зери мафҳуми таъминоти давлатии кӯдакони ятим ва кӯдакони бепарастор чӣ фаҳмида мешавад?**

Таъминоти пурраи давлатии иҷтимоӣ ва моддии гуруҳҳои кӯдакони мазкур маънои онро дорад, ки давлат ҷои хоб, хӯрок, либос, пойафзол, пул дар намуди стипендия ва грантҳо, инчунин хизматрасониҳои тиббӣ, иҷтимоӣ ва дигар намуди хизматрасониҳоро барои онон ройгон таъмин менамояд.

**6. Хизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ барои кӯдакон чӣ маънӣ дорад?**

**Хизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ барои кӯдакон** ин дастгирии иҷтимоӣ, ёрии тиббӣ, таълимӣ ва равоншиносӣ,

[12] Моддаи 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак”
[13] Моддаи 1 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак”

барқароркунии иҷтимоии кӯдакони дар шароити душвори ҳаёт қарор дошта ва таъмини чунин кӯдакон бо машғулият то ба синни балоғат расидан, яъне то 18 сола.

7. **Намояндаи қонунии кӯдак кӣ ба шумор меравад?**

Намояндаи қонунии кӯдак падару модари ӯ, онҳое, ки фарзандхонд кардаанд, парасторон ва дигар шахсоне ба шумор меравад, парасторӣ, масъулияти таълиму тарбия, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакро ба ӯҳда гирифтаанд, ба шумор мераванд.[14]

8. **Оё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак мавҷуд аст?**

Дар соли 2016 дар Тоҷикистон намояндагии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ташкил ёфт, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ ба шумор меравад. Намояндагии мазкур бо мақсади таъмини эҳтиром ва ташаккули ҳуқуқ ва озодии кӯдакон таъсис ёфтааст.[15]

9. **Кадом мақомот ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони бепарастор мондаро ба амал мебароварад?**

Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдаконе, ки бепарастор мондаанд, ба ӯҳдаи мақомоти васояту парастори вогузор карда мешавад.[16]

Мақомоти васояту парастори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд. Анҷом додани вазифаи васоят ва парасторӣ нисбат ба кӯдакон ба зиммаи раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шӯъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, вогузор мегардад.[17]

---

[14] Моддаи 1 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак"

[15] Қонуни ҶТ «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 15.03.2016 с., №1281.

[16] Қисми 1 моддаи 122 Кодекси оилаи ҶТ 13 ноябри 1998 сол, № 682

[17] Банди 7 Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи 2017 сол, №30

**10. Кӯдакони бепарастор монда ба куҷо дода мешаванд?**

Кӯдаконе, ки бе парастории волидон мондаанд дода мешаванд:

- Ба тарбияи оилаҳо (фарзандхонӣ);
- Ба парасторӣ / сарпарастӣ;
- ба оилаҳои (мураббии) парастор;
- бо муассисаҳои кӯдакони ятим ё ҳар навъи муассисаҳо барои кӯдакони бе парастории волидон монда (муассисаҳои тарбиявӣ, муассисаҳои табобатӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар муассисаҳои ба ин монанд).[18]

**11. Дар кадом ҳолат парасторӣ ва сарпарастӣ ба кӯдакон таъин карда мешавад?**

Васояту парасторӣ ба кӯдакон дар чунин ҳолатҳо муқаррар карда мешавад:

- вафоти падару модар;
- аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум шудани падару модар аз тарафи суд;
- гирифтани кӯдакон аз падару модар бе маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ;
- агар кӯдак бо падару модар ҳамроҳ истиқомат накунад ва падару модар бе сабабҳои узрнок тарбияи фарзанд ва ҳамроҳ истиқомат кардан бо кӯдакро рад кунанд;
- агар падару модар зиёда аз шаш моҳ ба тарбияи кӯдакон машғул шуда натавонанд (ҷойгир шудан дар беморхона, сафари хизматии дарозмуддат ва ғайра);
- агар падару модар муддати тӯлонӣ (зиёда аз 3 моҳ) ғоиб бошанд ё кӯдак дар таълиму тарбияи хешу ақрабояшон қарор дошта, ин хешу ақрабо дорои ҳуҷҷати дахлдор набошанд;
- аз тарафи суд ғайри қобили амал донистани падару модар бинобар бемории рӯҳӣ ё камақлӣ;

[18] Қисми 1 моддаи 124 Кодекси оилаи ҶТ

- дар дигар ҳолатҳои зарурӣ, агар инро манфиатҳои кӯдакон талаб намояд.[19]

**12. Васӣ ба кӣ муқаррар карда мешавад**

Васоят барои кӯдакони ба синни 14 солагӣ нарасида, инчунин барои шахсоне, ки суд онҳоро бинобар гирифтори бемории рӯҳӣ будан ё камақлӣ ғайри қобили амал эътироф кардааст, муқаррар карда мешавад [20]

**13. Парасторӣ ба кӣ муқарррар карда мешавад**

Парасторӣ барои кӯдакони аз 14 сола то 18 сола ва шахсоне, ки аз тарафи суд дар натиҷаи сӯйистеъмоли машрубот, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда қобилияти амалкуниашон маҳдуд эътироф карда шудааст, муқаррар карда мешавад..[21]

**14. Ӯҳдадориҳои васӣ ва парасторро дар муносибат ба кӯдакони дар таъминоти пурраи давлатӣ қарордошта кӣ иҷро мекунад?**

Нисбат ба кӯдаконе, ки таҳти васояти пурраи давлат қарор доранд (моддаи 152 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон), инчунин нисбат ба шахсони болиғе, ки муҳтоҷи васоят (парасторӣ) буда, дар муассисаҳои муолиҷавии дахлдори мақомоти таъминоти иҷтимоӣ ҷойгир карда шудаанд, васиён ва парасторон таъин карда намешаванд. Иҷрои ӯҳдадориҳои васиён ва парасторон нисбат ба ин шахсон ба зиммаи маъмурияти муассисае, ки дар он шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта воқеъ аст, гузошта мешавад.[22]

**15. Кадом мақомоти давлатӣ барои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ масъул аст?**

---

[19] Банди  25 Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ
[20] Банди 22 Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ
[21] Банди 23 Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ
[22] Банди 28 Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ҳокимияти иҷроия буда, вазифаҳои таъминоти кафолати хизматрасонии давлатиро дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, амалӣ менамояд.

Агентӣ чорабиниҳоро барои ҳифзи иҷтимоии кӯдакони ятим, кӯдакон аз оилаҳои камбизоат амалӣ менамояд; дар соҳаи таълим ва барқарорсозии кӯдакони маъюб фаъолият мекунад; ташкили хизматрасониҳои тиббӣ, иҷтимоӣ, моддӣ, маишӣ ва фарҳангиро барои шаҳрвандоне, ки дар муассисаҳои статсионарии хизматрасониҳои иҷтимоӣ қарор доранд, масъалаҳо оид ба ҷойгиркунии шаҳрвандонро дар муассисаҳои статсионарии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҳаллу фасл мекунад; оид ба татбиқи кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба оилаҳои осебпазир ва шаҳрвандон, аз ҷумла маъюбон, чораҳо меандешад; вазифаҳои дигарро низ иҷро мекунад. .[23]

**16. Ҳангоми гирифтани хизмати иҷтимоӣ шаҳрвандон чӣ ҳуқуқ доранд?**

Ҳангоми гирифтани хизмати иҷтимоӣ шаҳрвандон ҳуқуқ доранд ба:

- муносибати эҳтиромона ва инсондӯстона аз ҷониби кормандони хадамоти иҷтимоӣ;
- интихоби ташкилот ва намуди хизматрасонии иҷтимоӣ ба истисноӣ мавридҳое, ки қонунгузори муайян кардааст;
- гирифтани маълумоти ройгон оид ба ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо, намудҳо ва тартибу шароити расонидани хизмати иҷтимоӣ;
- ризоият барои хизматрасонии иҷтимоӣ;
- рад кардани хизматрасонии иҷтимоӣ;

---

[23] Боби 1, 2 Низомномаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2014, № 168 тасдиқ шудааст.

- махфияти маълумоти хусусияти шахсидошта, ки ҳангоми расонидани хизмати иҷтимоӣ ба корманди хадамоти иҷтимоӣ маълум гардидааст;
- ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ, аз он ҷумла бо тартиби судӣ.[24]

**17. Кадом меъёри қонунгузорӣ фаъолияти хонаҳои кӯҳансолону маъюбонро дар Ҷумҳурии Тоҷикисон танзим менамояд?**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санади алоҳидаи қонунгузорӣ, ки ташкил ва фаъолияти хонаҳои пиронсолонро ва маъюбонро танзим мекунад, вуҷуд надорад.

Ин муассисаҳо мутобиқи қонунгузории граждании кишвар ва қонунгузорӣ оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъсис дода шудаанд. Яъне, агар барои пиронсолон ва маъюбон як хонаи нави пиронсолон таъсис дода шуда бошад ё ин, ки он мавҷуд бошад, пас ба рӯйхати муассисаҳои системаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар асоси қонунгузорӣ оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иловаҳо ва тағйирот ворид карда мешаванд.

Дар Тоҷикистон таъсиси ҳар як хонаи парастории инфиродӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Ҳар як хонаи пиронсолон оинномаи алоҳидаи худро дорад.

Масалан, тибқи оинномаи яке аз ин муассисаҳо, ба шаҳрвандони калонсол, маъюбон ва шахсони дар шароити вазнин ҷой дошта хизматҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- Таъмини ҷои истиқоматии муваққатӣ барои пиронсолон ва маъюбон, ки дар ҳолатҳои вазнини зиндагӣ қарор доранд
- хизматрасониҳои иҷтимоӣ (некӯаҳволӣ, саломатӣ, офиятбахшӣ, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, фарҳангӣ,

[24] Қисми 2 моддаи 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

маърифатӣ, ҳуқуқӣ, психологӣ ва ғайра) ба пиронсолон ва маъюбони ниёзманд;

- бо тавсияи мутахассисон ва бо назардошти синну сол ва вазъи саломатӣ, ҷалб намудан ба корҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ;
- ташкили ғизои калориянок ва парҳезӣ бо дарназардошти вазъи саломатии шахсони дар муассиса ҷойгир буда ва ғайра..[25]

**18. Кадом синну сол пиронсолӣ ҳисобида мешавад?**

Пиронсолӣ ва маъюбӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ» ба ҳолатҳои душвори зиндагӣ, дохил мешаванд.

Дар айни замон, дар ҳеҷ ҷой синну соле, ки пиронсол (калонтар) ҳисобида мешавад ва аз он вақт шахс пиронсол дониста мешавад, муайян карда нашудааст.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ"[26],, нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол барои мардҳо ба синни 63-солагӣ ва барои занони то 58-сола дода мешавад (моддаи 13). Ҳамин тавр, синну соле ки як нафарро дар Тоҷикистон шартан пир шудан ҳисобидан мумкин аст, мардҳо баробар ба 63 сол ва занҳо баробар ба 58 сол мебошад.

**19. Кадом муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд?**

**20. Ба Номгӯи муассисаҳои системаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои зерин дохил мешаванд:**

---

[25] Оинномаи маркази ҳудудии расонидани кӯмаки иҷтимоӣ ба нафақахӯрон ва маъюбон дар шаҳри Душанбе бо Қарори иҷрокунандаи Раиси шаҳри Душанбе 17 феврали соли 2017 тасдиқ карда шуд.

[26] Қонуни ҶТ аз 12 январи 2010 сол, №595, амал намудааст аз 1 январи 2013 сол

- Муассисаи давлатии "Хона - интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода”.
- Муассисаи давлатии "Хона - интернати пиронсолон ва маъюбони ноҳияи Ёвон"
- Муассисаи давлатии "Хона - интернати пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Панҷакент"
- Муассисаи давлатии "Хона - интернати беморони рӯҳӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов”
- Муассисаи давлатии "Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати "Дӯстӣ" - дар ноҳияи Қумсангир"
- Муассисаи давлатии "Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати "Бибӣ Фотимаи Заҳро" - дар ноҳияи “Ишкошим” бо филиалаш дар ноҳияи Роштқалъа
- Муассисаи давлатии "Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати "Ромит" - дар шаҳри Ваҳдат"
- Муассисаи давлатии "Осоишгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати "Харангон" - дар ноҳияи Варзоб"
- Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолон ва маъюбон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ
- Марказҳо ва шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона
- Марказҳои тавонбахшии будубоши рӯзона дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ
- Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тавонбахшӣ ва будубоши доимии пиронсолон ва маъюбон дар ноҳияи Бохтар
- Муассисаи давлатии "Хона - интернати беморони рӯҳии шаҳри Ҳисор

- Муассисаи давлатии "Хона - интернати бемороні рӯҳии ноҳияи Восеъ".[27]

**21. Дар робита ба хонаҳои пиронсолон ва маъюбон Агентии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ кадом вазифаҳоро иҷро менамояд?**

Дар робита ба хонаҳои пиронсолон ва маъюбон Агентӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- мутобиқи меъёрҳои муқаррааргардида оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла нафақахӯрон, маъюбон, кӯдакони ятиму бепарастор ва дигар табақаҳои камбизоати шаҳрвандони эҳтиёҷманд чорабиниҳоро татбиқ менамояд;
- бақайдгирии шаҳрвандони кӯҳансол ва маъюбонро дар муассисаҳои системаи Агентӣ ташкил мекунад ва назорат мебарад;
- масъалаҳои вобаста ба ҷойгиркунонии шаҳрвандонро дар муассисаҳои статсионарии хизматрасонии иҷтимоӣ ҳал менамояд;
- хизматрасонии тиббӣ, иҷтимоӣ, моддию маишӣ ва мадании шаҳрвандонеро, ки дар муассисаҳои статсионарии хизматрасонии иҷтимоӣ қарор доранд, ташкил менамояд;

  чорабиниҳоро ҷиҳати рушди шабакаи муассисаҳои статсионарии хизматрасонии иҷтимоӣ ва таҳкими заминаи моддию техникии онҳо таҳия ва татбиқ менамояд.[28]

---

[27] Низомномаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз  4 марта 2014 года, №168 тасдиқ карда шудааст.

[28] Низомномаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз  4 марта 2014 года, №168 тасдиқ карда шудааст.

**22. Дар кадом мавридҳо шаҳрвандон бидуни ризоияташон дар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ҷойгир карда мешаванд?**

Ҷойгиркунии шаҳрвандон бидуни ризоияташон дар муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар мавридҳое ифода ёбад, ки агар онҳо аз нигоҳубин ва дастгирии хешовандонашон ва намояндагони қонуниашон маҳрум бошанд ва дар ин мавриди қобилияти мустақилона қонеъ кардани талаботи ҳаётии худро надошта бошанд (гум кардани қобилияти худхизматрасонӣ ё ҳаракати фаъолона) ва ё аз ҷониби суд ғайри қобили амал доништа шуда бошанд. Масъалаи ҷойгиркунии шаҳрвандон дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ бидуни ризоияти онҳо ва ё бидуни ризоияти намояндагони қонуниашон бо пешниҳоди мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ё нигаҳдории тандурустӣ аз тарафи суд ҳал карда мешавад. [29]

**23. Шахсони дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарордошта чӣ гуна ҳуқуқҳоро доранд?**

Шаҳрвандони дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарордошта ғайр аз ҳуқуқуҳои дар болономбаршуда, ҳамчунин ҳуқуқ доранд ба:

- таъмин шудан бо шароити зисти ба талаботу меъёри санитарӣ-гигиенӣ ҷавобгӯй;
- нигоҳубин, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, дандонпизишкӣ дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ пешниҳодшаванда;
- кӯмаки ройгони махсус, аз он ҷумла дандонмонӣ (бидуни истифодаи металлҳои қиматбаҳо) дар муассисаҳои давлатии

[29] Қисмҳои 1,2 моддаи 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

тандурустӣ, ҳамчунин ба кӯмаки ройгони протезӣ-ортопедӣ;

- офиятёбии тиббӣ ва мутобиқшавии иҷтимоӣ;
- ихтиёрӣ ширкат намудан ба чараёни табобати меҳнатӣ, бо назардошти вазъи саломатӣ, майлу хоҳиш мувофиқи хулосаи тиббӣ ва тавсияи меҳнатӣ;
- ташхиси тиббию меҳнатӣ мувофиқи нишондоди тиббӣ барои муқаррар ва ё иваз намудани гурӯҳи маъюбӣ;
- вохӯрии бемамониат бо адвокат, нотариус, намояндагони қонунии худ, намояндаи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ходимони ташкилотҳои динӣе, ки расман ба қайд гирифта шудаанд, ҳамчунин вохӯрӣ бо хешовандон ва шахсони дигар;
- ҷудо кардани хона барои ибодат ва иҷрои суннату маросимҳои динӣ, ки барои гузаронидани онҳо шароити мувофиқи ба тартиботи дохилӣ мухолифнабударо дорад, бо назардошти манфиати диндорони мазҳабҳои гуногун;
- таъмини таҳсили ройгон барои шаҳрвандони синни мактабӣ, агар онҳо дар муассисаҳои будубоши доимӣ ба муддати дароз ҷойгир шуда бошанд.

Кӯдакон ва ҷавонони маъюбӣ дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарордошта ба гирифтани таҳсилот ва таҳсили касбӣ мувофиқи имконияти ҷисмонӣ ва қобилияти ақлониашон ҳуқуқ доранд.

Нисбати шаҳрвандони дар муассисаҳои будубоши доимии хизматрасонии иҷтимоӣ қарордошта ҷудо нигоҳ доштани онҳо бо мақсади ҷазо додан ва ё

фароҳам овардани муҳити муносиб барои кормандони муассисаҳои мазкур манъ аст.[30]

**24. Кормандони хадамоти иҷтимоӣ чи хел ҳуқуқҳоро доранд?**

Кормандони хадамоти иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд ба:

- таъмин кардани шароити фаъолияти худ мувофиқи талаботи муҳофизати меҳнат;
- кор дар асоси шартномаи меҳнатӣ;
- ҳимояи шаъну шарафи касбии худ;
- гирифтани дараҷаи тахассусӣ дар вақти мувофиқат кардан ба сатҳи тайёрии таҷрибавӣ ва назариявӣ;
- такмилдиҳии донишу малакаи касбӣ.[31]

**25. Кадом ӯҳдадориҳо ба кормандони хадамоти иҷтимоӣ вобаста шудаанд?**

Кормандони хадамоти иҷтимоӣ ӯҳдадоранд:

- тартиби муқаррарнамудаи хизматрасонии иҷтимоиро риоя намоянд;
- маълумотеро, ки махфияти касбӣ ҳисоб меёбад, ҳангоми набудани нишонаҳои амале, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, фош накунанд;
- ба истифодабарандагони хизматҳои иҷтимоӣ бо эҳтиром ва инсондӯстона муносибат кунанд, ба амалиёте, ки ба онҳо зарар ва ё осеб мерасонад, роҳ надиҳанд.[32]

Маълумоти хусусияти шахсидошта, ки ҳангоми расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ба кормандони хадамоти

---

[30] Қисми 1, 2, 4 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»
[31] Қисми 1 моддаи 26 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»
[32] Моддаи 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

иҷтимоӣ маълум гардидааст, иттилооти дорои истифодаи маҳдуд ва махфияти касбӣ ба ҳисоб меравад.

Кормандони хадамоти иҷтимоӣ, ки махфияти касбиро фош менамоянд, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.[33]

**26. Кадом кафолатҳои давлатӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастор муқаррар шудаанд?**

Кафолату ҷубронҳое, ки барои кӯдакони ятим ва бепарастор муқаррар шудаанд, пас аз ба балоғат расидани онҳо(18-солагӣ) низ нигоҳ дошта мешаванд.

Давлат сатҳи шоистаи зиндагиро ба кӯдакони ятим ва бепарастор кафолат дода, ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳоро ҳимоя менамояд.[34]

Давлат ба кӯдакони ятим ва бепарастор истифодаи ҳуқуқҳои зеринро кафолат медиҳад:

- *Ҳуқуқ ба меҳнат:* Кӯдакони ятим ва бепарастор, ки ба синни 15 расидаанд, бо роҳхати мақомоти давлатии меҳнат ва шуғли аҳолӣ аз ҳисоби квотаи ҷойҳои корӣ дар ташкилотҳо дар навбати аввал ва дар сурати маъюб будан, бенавбат бо ҷойи кор таъмин карда мешаванд.
- *Ҳуқуқ ба манзил:* Ҳуқуқи кӯдакони ятим ва бепарастор ба манзили истиқоматии ба онҳо тибқи мерос гузашта дар давоми будубошашон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ё муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоии аҳолӣ, ҳамчунин дар муассисаҳои тамоми намудҳои таҳсилоти касбӣ, новобаста ба шакли моликият,нигоҳ дошта мешавад.

  Ба кӯдакони ятим ва бепарастори манзили истиқомати надошта, ки таҳти таъминоти пурраи давлат қарор доранд, барои сохтмони манзили шахсӣ

---

[33] Моддаи 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ»

[34] Қисмҳои 1, 3 моддаи 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»

дар қитъаи замини ба онҳо ҷудокардашуда қарзҳои имтиёзноки мақсаднок дода мешавад.

- *Ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ:* Ба кӯдакони ятим ва бепарастор хизматрасонии тиббӣ, аз ҷумла гузаронидани диспансеризатсия, солимгардонӣ, азназаргузаронии мунтазами тиббӣ дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ ба таври ройгон расонида мешавад. Кӯдакони ятим ва бепарастор бо мақсади барқарор намудани саломатӣ ҳуқуқ доранд соле як маротиба аз имкониятҳои истироҳатгоҳҳои варзишию солимгардонӣ ё муассисаҳои санаторию курортии давлатӣ ройгон истифода баранд. Ҳамчунин онҳо аз пардохти маблағ барои доруворӣ дар ҳудуди меъёрҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, инчунин аз пардохти хизматрасонии муассисаҳои тиббии давлатӣ ҷиҳати сохтану тармим кардани дандонҳои сунъӣ, аз ҷумла барои таъмин кардан бо навъҳои дигари ёрии протезию ортопедӣ, озоданд.

- *Ҳуқуқ ба таҳсил:* Таҳсилоти умумии кӯдакони ятим ва бепарастор ба таври ройгон тавассути муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ амалӣ мегардад, аз он ҷумла ба таҳсили иловагӣ.

  Кӯдакони ятим ва бепарастор, ки таҳти таъминоти пурраи давлат қарор доранд, дар муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ таҳсил менамоянд, аз ҳисоби давлат бо либос, пойафзол, адабиёт ва асбобу таҷҳизоти таълимӣ, ҷойи хоб, инчунин бо кӯмакпулии яквақта мувофиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шуда, истироҳати онҳо дар лагерҳои мактабии тобистона ба таври ройгон ба роҳ монда мешавад.

  Давлат ба кӯдакони ятим ва бепарастор, ки таҳти таъминоти пурраи давлат қарор доранд, дар зинаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ

ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимии давлатӣ як маротиба гирифтани таълими ройгонро кафолат медиҳад.

Қабули кӯдакони ятим ва бепарастор ба муассисаҳои таълимии мазкур дар асоси квотаҳои муқаррааргардида ба роҳ монда мешавад.

Қабул ва таҳсили кӯдакони ятим ва бепарастор дар муассисаҳои таълимии ғайридавлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ метавонад ба таври ройгон тибқи фармоиши давлатӣ сурат гирад.

Муассисаҳои таълимие,ки дар боло номбар шуданд, ӯҳдадоранд кӯдакони ятим ва бепарасторро бо хобгоҳ, либос, пойафзол, хӯрокворӣ ва стипендия таъмин намоянд.

Донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ, ки аз ҷумлаи кӯдакони ятим ва бепарастор мебошанд ва дар хобгоҳҳои муассисаҳои мазкур истиқомат доранд, аз пардохти хизматрасонии коммуналӣ ва ҳаққи манзили ишғолнамудаашон озод мебошанд.[35]

**27. Боз кадом кафолатҳои давлатӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастор муқаррар шудаанд?**

Давлат ба кӯдакони ятим ва бепарастор кафолат медиҳад:

- ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонуниашон ёрии ҳуқуқии ройгонро кафолат медиҳад;
- ба чорабиниҳои фарҳангӣ ва варзишии муассисаҳои давлатӣ, инчунин намоишгоҳҳо ва осорхонаҳо пурра ё қисман аз ҳисоби давлат маблағгузоришаванда ҳуқуқи ройгон даромаданро доранд;
- дар муассисаҳои таълимию варзишии давлатӣ ройгон ба варзиш машғул шаванд;

[35] Моддаи 36-39 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»

- ройгон аз нақлиёти ноҳиявӣ, байниноҳиявӣ, шаҳрӣ ва байнишаҳрии истифодаи ҷамъиятӣ (ба ғайр аз таксӣ), инчунин нақлиёти роҳи оҳан ва ҳавоӣ бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд.[36]

**28. Кӯдакони ятим ва бепарастор чӣ хел ҳуқуқҳоро доранд?**

Ба кӯдакони ятим ва бепарасторе, ки дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ва дигар муассисаҳои ба онҳо монанд ҷойгир карда шудаанд, шароити ба муҳити оила монанд муҳайё карда мешавад. Дар ин муассисаҳо кӯдак ба таъминот, таълиму тарбия, рушду камоли ҳамаҷониба, эҳтироми шаъну эътибор, таъмини манфиатҳои худ, ҳифзи забони модарӣ, фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ ҳуқуқ дорад.

Дар сурати мавҷуд набудани имконияти дар оила тарбия ёфтан кӯдакони ятим ва бепарастор, дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ё дигар муассисаҳои ба онҳо монанд ҷойгир карда мешаванд.

Алимент, кӯмакпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ ба суратҳисоби шахсии кӯдакони ятим ва бепарастор гузаронида шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешаванд.

Ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакони ятим ва бепарасторро, ки дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ва дигар муассисаҳои ба онҳо монанд қарор доранд, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳимоя намуда, барои бо кор таъмин кардани онҳо мусоидат мекунанд.[37]

**29. Оё дар сурати парасторӣ худро аз даст додани кӯдакони дар мактаб-парваришгоҳҳо, ятимхона ва**

---

[36] Моддаҳои 41, 42 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»

[37] Моддаи 34 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»

**дигар муассисаҳо қарордода ба онҳо нафақа пардохта мешавад?**

Пардохти нафақаҳо дар сурати аз даст додани саробон барои кӯдакони ятим ва бепарастори то 18-сола, ки дар муассисаҳои таълимӣ таҳти таъминоти пурраи давлатӣ қарор доранд, аз ҷумла мактаб-интернатҳо, хонаи кӯдакон барои ятимон ва дигар муассисаҳо бо роҳи интиқоли ҳармоҳаи маблағи нафақа аз ҷониби сохтори мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба таъминоти нафақа дар маҳалли ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ ба суратҳисоби депозитии дар Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" барои кӯдак ба таври инфиродӣ кушодашуда, амалӣ карда мешавад.".[38]

**30. Ҳуҷҷатҳоро барои таъини пардохтҳои нафақа дар ҳолати парастори худро аз даст додани кӯдакони дар муассисаҳои таълимӣ қарор дошта кӣ ба расмият медарорад?**

Ӯҳдадориҳо оид ба омодагӣ, ҷамъоварӣ ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои таъин ва пардохти нафақа барои маҳрум шудан аз саробон ба кӯдакони дар муассисаҳои таълимӣ қарордошта ва кушодани суратҳисобҳои депозитии бонкӣ ба онҳо ба таври инфиродӣ, инчунин оид ба назорат аз рӯи воридшавии маблағҳо ба суратҳисобҳои мазкур ба зиммаи маъмурияти муассисаи таълимӣ дар шахсияти шахси масъул оид ба таъмини нафақа вогузор карда мешавад.[39]

**31. Оё кӯдакони ятим ва бепарастори дар таъминоти давлат қарордошта нафақа гирифта метавонанд?**

Баъд аз хатми таҳсил, вале на пештар аз расидани кӯдак ба синни 16-солагӣ ва гирифтани ҳуҷҷати

---

[38] Банди 2 Тартиби пардохти нафақа ба кӯдаконе, ки дар таъминоти пурраи давлат мебошанд, ки бо қарори Қарори Ҳукумати ҶТ аз 2 марти соли 2013 № 91 тасдиқ карда шудааст.

[39] Банди 5 Тартиби пардохти нафақа ба кӯдаконе, ки дар таъминоти пурраи давлат мебошанд.

тасдиққунандаи шахсият, кӯдакони ятими бекас ва кӯдакони аз парастории волидайн маҳрумшудаи таҳти таъминоти пурраи давлат қарордошта ҳуқуқ доранд, ки аз суратҳисоби депозитиашон маблағи нафақаи дар давраи будубош дар муассисаҳои таълимӣ ғуншударо гиранд. Пардохти маблағи нафақа ба кӯдак аз Бонк дар ҳузури шахси аз ҷониби мақомоти васояту парасторӣ ваколатдодашуда анҷом дода мешавад. Дар ин ҳол амалиёт бе боздошти фоизҳо барои хизматрасонии бонкӣ сурат мегирад.[40]

**32. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна намудҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастор мавҷуд мебошад?**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимии томактабӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастор мавҷуд мебошад;

- хонаи кӯдакон - барои кӯдакони аз 2 - моҳа то 7 сола;
- мактаб-интернат (гурӯҳи томактабӣ) - барои кӯдакони аз 1 то 7 сола;
- мактаб-интернати махсус (гурӯҳи томактабӣ) - барои кӯдакони аз 6 то 7 - сола.[41]
- Хонаи кӯдакони навъи интернат - муассисаи таълимии томактабие, ки дар он нигоҳубин, тарбия, таълим ва мусоидати иҷтимоӣ ба кӯдакони ятим ва бепарастори синни томактабӣ ва мактабӣ аз ҳисоби давлат таъмин карда мешаванд;
- Хонаи кӯдакони ятиму бепарастор - муассисаи таълимии томактабии низоми ҳифзи саломатӣ барои ҳимояи тиббию иҷтимоии кӯдакони ятим ва бепарастор, кӯдаконе, ки аз рӯзи таваллуд нуқси ҷисмонӣ ё равонӣ доранд, кӯдаконе, ки аз тарафи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) рад карда шудаанд, инчунин кӯдаконе, ки падару модар

[40] Бандҳои 16, 18 Тартиби пардохти нафақа ба кӯдаконе, ки дар таъминоти пурраи давлат мебошанд

[41] Қисми 1 моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ»

(шахсони онҳоро ивазкунанда) бо сабабҳои гуногун муваққатан онҳоро тарбия карда наметавонанд ё аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум шудаанд.[42]

Барои кӯдакони ятим ва бепарастор, таъсиси гурӯҳҳои томактабӣ дар хонаи кӯдакон ва мактаб-интернатҳо пешбинӣ шудааст.

Кори педагогиро бо кӯдак дар муассисаҳои томактабӣ, гурӯҳҳои томактабӣ, хонаи бачагон, мактаб-интернатҳо барои кӯдакони ятим ва бепарастор мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ, амалӣ менамоянд.[43]

**33. Субъектҳои раванди тарбия ва таълими томактабӣ кист?**

Субъектҳои раванди тарбия ва таълими томактабӣ инҳоянд:

- тарбиягирандагон - кӯдакони синни то мактабӣ
- мураббиён, дигар кормандони педагогӣ,
- падару модари (шахсони онҳоро ивазкунандаи) тарбиягирандагон,
- намояндагони ташкилоту корхонаҳо, дигар муассиса, ассотсиатсия, фондҳо, ташкилотҳо.
- дигар шахсони воқеӣ ва ҳукукӣ, ки дар фаъолияти муассисаи таълимии соҳаи омӯзиш ва тарбияи томактабӣ иштирок мекунанд. [44]

---

[42] Қисми 1 моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», банди 26 Низомномаи намунавии муассисаи таълимии томактабӣ дар ҶТ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2015, №256 тасдиқ карда шуд.

[43] Банди 45 Стандарти давлатии таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2009 №388 тасдиқ шудааст. (дар таҳрири қарори Ҳукумати ҶТ аз 06.03.2014с.№ 175, аз 10.02.2016с.№66)

[44] Банди 64 Низомномаи намунавии муассисаи таълимии томактабӣ дар ҶТ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2015, №256 тасдиқ карда шудааст.

**34. Ба хонаи кӯдакон чӣ гуна кӯдакон қабул карда мешаванд?**

Ба хонаи кӯдакон (зинаи таҳсилоти томактабӣ) кӯдакони зерин қабул карда мешаванд:

- кӯдакони ятими синну солашон аз 2-моҳа то 7-сола;
- фарзандони модарон ва ё падарони танҳо;
- кӯдакон аз хонаҳои кӯдакони навзод (ширхоргоҳ):
- кӯдаконе, ки онҳоро шахсони дигар ба фарзандхондӣ гирифтаанд ва бо сабабҳои гуногун аз тарбияи онҳо расман даст кашидаанд;
- кӯдакони имкониятaшон маҳдуд;
- кӯдаконе, ки бо қарори суд падар ё модари онҳо ё ҳар ду аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шудаанд;
- кӯдаконе, ки падару модарашон бо қарори суд аз озодӣ маҳруманд;
- кӯдакони шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар хориҷи кишвар бепарастор мондаанд;
- кӯдаконе, ки падару модарашон гирифтори бемориҳои сироятии барои кӯдакон хавфнок мебошанд (бемории сил, вируси норасоии масунияти бадани одам, нашъамандӣ ва ғайра). .[45]

**35. Ба кормандони муассисаҳои томактабии таълимиву тарбиявӣ кадом ӯҳдадориҳо дода шудааст?**

Ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти кормандон дар соҳаи таълим ва тарбияи томактабӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

Кормандони муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ, табобатӣ ва дигар муассисаҳои ба онҳо монанд, ки нигоҳубини кӯдакони ятим ва бепарасторро ба зимма доранд, барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои вазифавиашон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.[46]

---

[45] Банди 43 Низомномаи намунавии муассисаҳои давлати таълимии навъи мактаб интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

[46] Банди 4 моддаи 34 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»

**36. Ба кормандони муассисаҳои томактабии таълимиву тарбиявӣ кадом имтиёзҳо дода шудааст?**

Омӯзгорон ва мураббиёни муассисаи таълимии томактабӣ, инчунин шахсоне, ки дар чунин муассиса қаблан ба ҳайси омӯзгор ва мураббӣ кор карда, ба нафақа баромадаанд, ҳуқуқ доранд аз имтиёзҳои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд.

Омӯзгорон ва мураббиёни муассисаи таълимии томактабӣ аз рӯи мақом ва мӯзди меҳнат ба омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ баробар мебошанд.[47]

**37. Кӯдакони ятим ва бепарастор дар куҷо таҳсил мекунанд?**

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумие, ки барои фаъолияти касбомӯзӣ иҷозатнома доранд, метавонанд дар асоси шартнома хизматрасонии таълимии иловагӣ, аз ҷумла пулакиро ба роҳ монанд.[48]

Мактаб-интернат муассисаи давлатии таълимии соҳаи маориф маҳсуб ёфта, аз ҷониби давлат ба кӯдакони ятиму бепарастор, маъюб, кӯдаконе, ки дар маҳалли зисташон муассисаи таълимӣ нест.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои зерини мактаб-интернат фаъолият карда метавонанд:

- мактаб-интернати давлатӣ барои кӯдакони ятим ва бепарастор. Дар мактаб-интернати мазкур кӯдакони ятими кулл, бепадару бемодар ва бепарастор, ки падару модарашон бо қарори суд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шудаанд, ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд;
- мактаб-интернати давлатӣ барои кӯдакони имконияти маҳдуддошта. Мактаб-интернати мазкур кафолати

---

[47] Қисми 3, 4 моддаи 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ»

[48] Қисми 14 моддаи 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф»

давлатии ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакони имконияташон маҳдудро (нобино, кару гунг, шунавоияшон суст, бемории фалаҷ ва ғайра) таъмин менамояд;

- интернати давлатии наздимактабӣ. Дар интернати давлатии наздимактабӣ барои гирифтани таҳсилоти миёнаи умумӣ кӯдакони ятим, кӯдакони бе падар ё бе модар, кӯдакони бе парастор, кӯдакони аз деҳаҳои навбунёд ва дурдаст, ки дар маҳалли зисташон муассисаи таълимӣ нест ва кӯдаконе, ки муҳити носолими оилавӣ доранд ва ё падару модарашон гирифтори бемориҳои сироятӣ ҳастанд ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.
- мактаб-интернати давлатии навъи санаторӣ. Дар мактаб-интернати мазкур кӯдакону наврасони гирифтори касалиҳои сил ва дигар намуди касалиҳои сирояткунанда барои табобат ва таҳсил равона карда мешаванд. Баъд аз табобат кӯдакон дар муҳлати муқарраргардида бо иҷозати табибон ба муассисаи таълимии маҳалли худашон фиристонида мешаванд;
- мактаб-интернати давлатии махсус. Мактаб-интернати мазкур дорои шароити алоҳидаи таълиму тарбия, муҳити махсуси омӯзгорӣ буда, дар он кӯдаконе, ки рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок аст, ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Ба муассисаи таълимии мазкур кӯдакон ва наврасон дар асоси қарори суд тавассути комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ҷалб карда мешаванд;
- хонаи кӯдакон барои кӯдакони ятиму бепарастор. Муассисаи давлатии навъи мактаб-интернат буда, барои кӯдакони ятим ва бепарастор дар зинаи таҳсилоти томактабӣ шароити мусоиди таълиму тарбияро таъмин менамояд.[49]

---

[49] Банди 8 Низомномаи намунавии муассисаҳои давлатии таълимии навъи мактаб-интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 августи 2017сол, №411 тасдиқ шудааст.

**38. Кадом гурӯҳи кӯдакон ба мактаб- интернатҳо қабул карда мешаванд?**

Ба мактаб-интернати давлатӣ кӯдакони зерин қабул карда мешаванд:

- кӯдакони ятими кулл, нимятим (падар ё модар надоранд) ва кӯдакони бепарастор;
- кӯдакони падару модароне, ки бо қарори суд аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум карда шудаанд;
- кӯдаконе, ки падару модар аз онҳо расман даст кашидаанд;
- кӯдаконе, ки падару модарашон гирифтори бемориҳои сироятии барои кӯдакон хавфнок (бемории сил, вируси норасоии масунияти бадани одам, нашъамандӣ ва ғайра) мебошанд.[50]

**39. Дар интернатҳои давлатии наздимактабӣ киҳо қабул карда мешаванд?.**

Ба интернати давлатии наздимактабӣ кӯдакони зерин қабул карда мешаванд:

- кӯдакони ятим;
- кӯдакони бе падар ё бе модар;
- кӯдакони бепарастор;
- кӯдакони аз деҳаҳои навбунёд ва дурдаст, ки муассисаи таълимӣ надоранд;
- кӯдаконе, ки муҳити носолими оилавӣ доранд ва ё падару модарашон гирифтори бемориҳои сироятӣ ҳастанд (бо қарори комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак ва ё хулосаи муассисаи тиббӣ).[51]

**40. Қабули кӯдакон ба мактаб-интернат кай сурат мегирад?**

[50] Банди 42 Низомномаи намунавии муассисаҳои давлатии таълимии навъи мактаб-интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

[51] Банди 45 Низомномаи намунавии муассисаҳои давлатии таълимии навъи мактаб-интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қабули кӯдакон ба мактаб-интернат аз 1 август то 31 августи ҳар сол сурат мегирад.[52]

**41. Кадом гурӯҳи кӯдакон дар мактаб-интернатҳои давлатии барои бачагони имконияташон маҳдуд қабул карда мешаванд?**

Ба мактаб-интернати давлатӣ барои кӯдакони имкониятaшон маҳдуд кӯдакони зерин, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳсил карда наметавонанд, қабул карда мешаванд:

- кӯдакони нуқсони ҷисмонӣ ва ақлидошта;
- кӯдакони муҳтоҷ ба табобати тӯлонидошта;
- кӯдаконе, ки гирифтори бемориҳои сироятӣ гардида, ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд.[53]

**42. Барои қабули кӯдакон ба мактаб интернатҳо кадом ҳуҷҷатҳо заруранд?**

Қабули тарбиягирандагон ба мактаб-интернат тибқи ҳуҷҷатҳои зерин сурат мегирад:

- қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба додани роҳхат ба мактаб-интернат бо муҳри нишони давлатӣ (нусхаи асл):
- шаҳодатномаи таваллуд (аслаш) ё қарори комиссияи тиббӣ оид ба тасдиқи синну соли кӯдак дар ҳолати набудани шаҳодатномаи таваллуд;
- маълумотномаи тиббӣ дар бораи саломатӣ (ф-26);
- ҳуҷҷат дар бораи таҳсил;
- санади омӯзиши шароити зисти кӯдак;
- ҳуҷҷатҳои падару модар ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда (нусхаи хатти вафоти падару

---

[52] Банди 47 Низомномаи намунавии муассисаҳои давлатии таълимии навъи мактаб-интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

[53] Банди 44 Низомномаи намунавии муассисаҳои давлатии таълимии навъи мактаб-интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

модар, маҳрум будан аз ҳуқуқи падару модарӣ, ҳукм ва ё қарори суд, маълумотнома дар бораи бемории падару модар, дар кофтуков қарор доштани падару модари гумшуда, маълумотнома оид ба надоштани имконияти таълими фарзандон);

- роҳхат ба мактаб-интернат аз Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- маълумотнома оид ба ҳайати оилаи кӯдак;
- рӯйхати молу мулки пас аз фавти падару модар боқимонда ва маълумот дар бораи шахсоне, ки барои нигоҳубини ин молу мулк ҷавобгаранд;
- нусхаи шакли иммунизатсияи кӯдак (Ш-63);
- тавсияҳои мақомоти ваколатдори тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (барои кӯдакони маъюб);
- ҳуҷҷатҳо дар бораи ба мерос гирифтани хона, дафтарчаи нафақагирии кӯдак, қарори суд оид ба гирифтани нафақа.[54]

**43. Тартиби қабули ҳуҷҷатҳо ба мактаб-интернатҳо чӣ тавр муқаррар карда мешавад?**

Тартиби қабули таълимгирандагон ба мактаб-интернатҳои дорои мақоми ҷумҳуриявӣ аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Кӯдакони имконияташон маҳдуд тариқи роҳхати маслиҳатгоҳи ҷумҳуриявии психологӣ, тиббӣ ва педагогогии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мактаб-интернатҳои махсус қабул карда мешаванд.[55]

---

[54] Банди 48 Низомномаи намунавии муассисаҳои давлатии таълимии навъи мактаб-интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

[55] Банди 40 Низомномаи намунавии муассисаҳои давлатии таълимии навъи мактаб-интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**44. Оилаи парасторӣ (патронажная) гуфта чиро мефаҳманд?**

Оилаи парасторӣ (тарбиякунанда) оила ё шахсе мебошад, ки кӯдаки ятим ё бепарасторро барои тарбия намудан гирифтааст.

**45. Кадом ҳуқуқу ӯҳдадориҳоро оилаҳои парасторӣ (тарбиякунанда) соҳибанд?**

Оилаи парастор таҳти ҳимоя ва ғамхории давлат қарор мегирад ва нисбати он имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд. Мӯҳлати тарбияи ятимон ва фарзандони бе парастории волидон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба собиқаи хизмат дар оила (тарбиякунанда) дохил карда мешавад.

Шартҳо ва тартиби додани ятимон ва кӯдакони бепарастор ба оилаи парасторӣ (тарбиякунанда), маҳдудиятҳо нисбати талаботе, ки ба шахсони қабулкунандаи кӯдакони ятим ва фарзандони бе парастории волидон, инчунин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо, қоидаҳои ҳатмии шартнома дар бораи ба оилаи парастор (тарбиякунанда) додани ятимон ва фарзандони бе парастории волидон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Руйхати адабиётҳои истифодашуда:**


- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ”
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаи суғуртавӣ ва давлатӣ”
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ”
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак”
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”
- Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ
- Низомномаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Тартиб ва ҳаҷми пешниҳод намудани хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст
- Низомномаи намунавии муассисаи таълимии томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Низомномаи намунавии муассисаҳои давлатии таълимии навъи мактаб-интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Тартиби пардохти нафақа ба кӯдаконе, ки дар таъминоти пурраи давлат мебошанд (дар таҳрири Қарори Ҳукумати ҶТ аз 02.03.2013 с., № 91).